Бо Қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
№18 аз "28" ноябри с.2023
тасдиқ шудааст

## Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ

Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ (минбаъд – Тартиб) мутобиқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" (минбаъд - Қонун) таҳия шуда, тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташударо дар ташкилоти қарзӣ барои пардохти ҷубронпулии суғурта муқаррар менамояд.

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Ташкилоти қарзие, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҷалби амонату пасандозҳоро анҷом медиҳад ва узви Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) мебошад, уҳдадор аст баҳисобгирии амонату пасандозҳои суғурташударо тибқи Тартиби мазкур амалӣ намояд.

2. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

**- пасандозҳои суғурташуда** – маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳое, ки тибқи Қонун объекти ҳатмии суғурта мебошанд;

- **пасандоздор** - шахси воқеӣ, аз ҷумла соҳибкори инфиродӣ, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми содакардашудаи баҳисобгириро истифода мекунанд ва бо ташкилоти қарзӣ шартномаи пасандози бонкӣ ё шартномаи суратҳисоби бонкӣ бастаанд.

**- ҷубронпулии суғурта** - маблағе, ки пасандоздор ба гирифтани он мутобиқи Қонун ҳангоми фаро расидани ҳолати суғуртавӣ ҳуқуқ дорад;

**- Феҳристи пасандоздорон** – маълумот оид ба пасандоздорон, ки уҳдадориҳои пасандозии ташкилоти қарзиро дар назди пасандоздор бо таносуби талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор инъкос намуда, бо мақсади баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда ва муайян намудани маблағи ҷубронпулии суғуртавии ба пасандоздорон пардохтшаванда аз ҷониби ташкилоти қарзӣ тартиб дода мешавад.

### 2. Таҳияи Феҳристи баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда

3. Ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст, ки дар низоми автоматикунонии бонкии худ пешбурди баҳисобгирии ҳаррӯзаи уҳдадории худро дар назди

пасандоздорон, ки ба ташкилоти қарзӣ имконияти дар дилхоҳ рӯз таҳия намудани Феҳристи баҳисобгирии пасандозҳои суғурташударо (минбаъд – Феҳристи пасандоздоронро) тибқи Тартиби мазкур фароҳам меорад, ҷорӣ намояд.

4. Феҳристи пасандоздорон мутобиқи замимаи №1-и Тартиб (Ҷадвали №1.1 "Маълумот оид ба пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзӣ барои ҳисоби ҷубронпулии суғурта" ва ҷадвали №1.2 "Маълумот оид ба пасандозҳои суғурташудаи шахсони ҳуқуқӣ дар ташкилоти қарзӣ барои ҳисоби ҷубронпулии суғурта") таҳия карда шуда, дар шакли электронӣ пеш бурда мешавад.

5. Ҷадвалҳои №1.1 ва №1.2-и замимаи №1 мутобиқи замимаи №2 (Тарзи пур кардани ҷадвалҳои "Маълумот оид ба пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ барои ҳисоби ҷубронпулии суғурта") пур карда мешавад.

6. Феҳрист пасандоздорон аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ҳар семоҳа ба санаи 1-уми пас аз семоҳаи ҳисоботӣ ва дар рӯзи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ, ҷамъбаст карда мешавад. Феҳристи пасандоздорон аз ҷониби ташкилоти қарзӣ дар низоми автоматикунонии бонк бойгонӣ карда мешавад.

7. Маълумоти мутобиқи Тартиби мазкур ҷамбастгардида барои муайян ва пардохт намудани маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзӣ аз ҷониби Хазина ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ асос мегардад.

8. Дар ҳолатҳои агар ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор ҳамчун қарздеҳ баромад кунад, он гоҳ мутобиқи Тартиби мазкур маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор мутаносибан ба маблағи уҳдадории пасандоздор аз рӯи қарзҳои он дар назди ташкилоти қарзӣ кам карда мешавад.

## 3. Муқаррароти хотимавӣ

9. Назорати риояи талаботи Тартиби мазкур аз ҷониби Хазина тавассути таҳияи санади санҷишии мутобиқатии дуруст, саривақт ва пурра тарбидиҳии Феҳристи пасандоздорон дар ташкилоти қарзӣ, ба роҳ монда мешавад.

10. Ҳангоми риоя накардани талаботи Тартиби мазкур Хазина аз Бонки миллии Тоҷикистон андешидани чораҳои ислоҳнамоӣ ва таъсиррасониро нисбат ба ташкилоти қарзӣ дархост мекунад.

11. Ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ мудири махсус ва ё барҳамдиҳандаи ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта дар муддати 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз рӯзи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ба Хазина Феҳристи пасандоздоронро, ки мутобиқи Замимаи №3 "Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта", ки дар

асоси Замимаи №1-и Тартиб таҳия шудааст, дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод менамояд.

12. Пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони суғурташуда мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина анҷом дода мешавад.

13. Уҳдадории ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта дар назди пасандоздорон ба маблағи ҷубронпулии суғуртавии аз ҷониби Хазина пардохташуда кам карда мешавад. Қисми боқимондаи уҳдадории ташкилоти қарзии барҳамдодашуда дар назди пасандоздорон мутобиқи моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" қонеъ карда мешавад.

Замима №1 ба "Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ"

**Номгӯи ташкилоти қарзӣ**

**_________________________________**

**Ҷадвали №1.1 "Маълумот оид ба пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзӣ барои ҳисоби ҷубронпулии суғурта"**

ба санаи "____" ______________20___ с.

| № р/т | Рамзи бонкии мизоҷ (ID-код) | Рамзи мақоми пасандоздор (шахси воқеӣ, СИ) | Ному насаби пурраи пасандоздор | Маълумот оид ба мушаххасоти пасандоздор | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Ҷинс | Санаи таваллуд (руз/моҳ/сол) | Рақами ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият | Сана ва мақомоти ҳуҷҷатро дода | Суроғаи зисти пасандоздор | РМА | РЯМ |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | **Ҳамагӣ** | | | | | | | |

| Рақами телефони мобилӣ | Рамзи шаҳрвандӣ | Рақами шартномаи бонкӣ (амонат, пасандоз, корти пардохтӣ ва ғ.), шартномаи қарзӣ, санаи бастани шартнома | Рамзи асъори амонату пасандоз/ қарз | Ҳисоби тавозунӣ | Рақами суратҳисоби шахсии пасандоздор, корти пардохтӣ, суратҳисоби қарзӣ | Маблағи амонату пасандози гузошташуда ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи он | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | маблағи бақия аз рӯи амонату пасандоз бо асъори пасандоз | маблағи бақия аз рӯи амонату пасандоз мутаносибан бо сомонӣ | маблағи фоизҳои ҳисобшуда бо асъори пасандоз | маблағи фоизҳои ҳисобшуда мутаносибан бо сомонӣ | Ҷамъ бо сомонӣ |
| 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22=19+21 |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |

| Маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор | | | | | Бақияи уҳдадорӣ/талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ | | | Бақияи уҳдадории ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздор аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунй бо сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бақияи маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор бо асъори талаб | Бақияи маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор мутаносибан бо сомонӣ | Маблағи талаби фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи асъори талаб | Маблағи талаби фоизҳои ҳисобшуда мутаносибан бо сомонӣ | Ҷамъи маблағи умумии талаб бо сомонӣ | Бақияи маблағ аз рӯи фоизҳои ҳисобшудаи пасандоз аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунй мутаносибан бо сомонӣ | Бақияи маблағ аз рӯи қарзӣ асосӣ аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунй мутаносибан бо сомонӣ | Ҷамъ аз рӯи бақияи уҳдадорӣ/талаби ташкилоти қарзӣ мутаносибан бо сомонӣ | |
| 23 | 24 | 25 | 26 | 27=24+26 | 28=21+26 | 29=19+24 | 30 | 31 |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

| Маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор бо сомонӣ | Бақияи пасандоз бо фоизҳои ҳисобшуда пас аз пардохти ҷубронпулии суғурта бо сомонӣ | Рамзи пасандозҳое, ки тибқи моддаи 24 Қонун ҷуброн карда намешаванд | Рамзи минтақа |
|---|---|---|---|
| 32 | 33=30-32 | 34 | 35 |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Раиси Раёсат ______________________

Сармуҳосиб ________________________

Ҷ.М.

Иҷрокунанда: _________________________

Телефон: __________________________

**Номгӯи ташкилоти қарзӣ ____________________________________**

**Ҷадвали №1.2 "Маълумот оид ба пасандозҳои суғурташудаи шахсони ҳуқуқӣ дар ташкилоти қарзӣ барои ҳисоби ҷубронпулии суғурта"**

ба санаи "____" ______________20___ с.

| № р/т | Рамзи бонкии мизоҷ (ID-код) | Рамзи мақоми пасандоздор (шахси ҳуқуқии ССХ, ТҒ) | Ном пурраи пасандоздор-шахси ҳуқуқӣ | Маълумот оид ба мушаххасоти пасандоздор | | | | | Рақами телефони мобилӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Рақами ҳуҷҷати тасдиққкунанда (шаҳодатнома) | Сана ва мақомоти бақайдгирии давлатӣ | Суроғаи ҳуқуқии пасандоздор | РМА | РЯМ | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | **Ҳамагӣ** | | | | | | |

| Рақами шартномаи бонкӣ (амонат, пасандоз, корти пардохтӣ ва ғ.), шартномаи қарзӣ, санаи бастани шартнома | Рамзи асъори амонату пасандоз/ қарз | Ҳисоби тавозунӣ | Рақами суратҳисоби шахсии пасандоздор, корти пардохтӣ, суратҳисоби қарзӣ | Маблағи амонату пасандози гузошташуда ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи он | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | маблағи бақия аз рӯи амонату пасандоз бо асъори пасандоз | маблағи бақия аз рӯи амонату пасандоз мутаносибан бо сомонӣ | маблағи фоизҳои ҳисобшуда бо асъори пасандоз | маблағи фоизҳои ҳисобшуда мутаносибан бо сомонӣ | Ҷамъ бо сомонӣ |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19=16+18 |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

| Маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор | | | | | Бақияи уҳдадорӣ/талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ | | | Бақияи уҳдадории ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздор аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ бо сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бақияи маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор бо асъори талаб | Бақияи маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор мутаносибан бо сомонӣ | Маблағи талаби фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи асъори талаб | Маблағи талаби фоизҳои ҳисобшуда мутаносибан бо сомонӣ | Ҷамъи маблағи умумии талаб бо сомонӣ | Бақияи маблағ аз рӯи фоизҳои ҳисобшудаи пасандоз аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ мутаносибан бо сомонӣ | Бақияи маблағ аз рӯи қарзӣ асоси аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ мутаносибан бо сомонӣ | Ҷамъ аз рӯи бақияи уҳдадорӣ/талаби ташкилоти қарзӣ мутаносибан бо сомонӣ | |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24=21+23 | 25=18+23 | 26 | 27 | 28 |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

| Маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор бо сомонӣ | Бақияи пасандоз бо фоизҳои ҳисобшуда пас аз пардохти ҷубронпулии суғурта бо сомонӣ | Рамзи пасандозҳое, ки тибқи моддаи 24 Қонун ҷуброн карда намешаванд | Рамзи минтақа |
|---|---|---|---|
| 29 | 30=26-28 | 31 | 32 |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Раиси Раёсат
_______________________

Иҷрокунанда: _______________________

Сармуҳосиб
_______________________

Телефон: _______________________

Ҷ.М.

Замимаи №2 ба
"Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои
суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ"

## Тарзи пур кардани ҷадвалҳои "Маълумот оид ба пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ барои ҳисоби ҷубронпулии суғурта"

*<u>Ҷадвали №1.1</u> "**Маълумот оид ба пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзӣ барои ҳисоби ҷубронпулии суғурта**» дар шакли электронии Excel таҳия мегардад ва ба тарзи зайл пур карда мешавад:*

| № | Нишондиҳандаҳо | Мазмуни нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|
| 1 | № р/т | Рақами тартибии пасандоздор |
| 2 | Рақами бонкии мизоҷ (ID-код) | Рақами бонкие, ки аз ҷониби низоми автоматикунонии бонкӣ ба мизоҷ дода шудааст |
| 3 | Рамзи мақоми пасандоздор (ШВ, СИ) | Рамзи мақоми пасандоздор – шахси воқеӣ (ШВ), соҳибкори инфиродӣ (СИ) тибқи Замимаи №2.1 Тартиби мазкур нишон дода мешавад. |
| **Маълумот оид ба мушаххасоти пасандоздори ташкилоти қарзӣ** | | |
| 4 | Ному насаби пурраи пасандоздор | Насаб, ном ва номи падари пасандоздор тибқи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият |
| 5 | Ҷинс | Ҷинси пасандоздор (мард ё зан) |
| 6 | Санаи таваллуд | Рӯз, моҳ ва соли таваллуди пасандоздор |
| 7 | Рақами ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият | Силсила ва рақами шиноснома ё ҳуҷҷати тасдиққунандаи пасандоздор |
| 8 | Сана ва мақомоти ҳуҷҷатро дода | Санаи додани ҳуҷҷати тасдиққунанда ва аз ҷониби кадом мақомот дода шудааст |
| 9 | Суроғаи зисти пасандоздор | Суроғаи зисти пасандоздор тибқи ҳуҷҷати тасдиққунанда |
| 10 | РМА | Рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) пасандоздор |
| 11 | РЯМ | Рақами ягонаи миллии пасандоздор |
| 12 | Рақами телефони мобилӣ | Рақами телефон (телефонҳо)-и мобилии шахсӣ ва амалкунандаи пасандоздор. Дар сурати мавҷуд будани якчанд рақами телефони мобилӣ, онҳо бо аломати вергул ҷудо карда мешаванд |
| 13 | Рамзи шаҳрвандӣ | **Рамзи шаҳрвандии пасандоздор тибқи замимаи № 2.2 Тартиби мазкур** |
| 14 | Рақами шартномаи бонкӣ (амонат, пасандоз, корти пардохтӣ ва ғ.), шартномаи қарзӣ, санаи бастани шартнома | Рақами шартнома аз низоми иттилоотии бонкӣ нишон дода мешавад. Маълумот оиди ҳар як шартнома дар сатри алоҳида нишон дода мешавад; |
| 15 | Рамзи асъори амонату пасандоз/қарз | Рамзи асъори дар шартнома зикргардида, тибқи замимаи №2.3 Тартиби мазкур нишон дода мешавад |
| 16 | Ҳисоби тавозунӣ | Рақами ҳисоби тавозунӣ аз рӯи амонату пасандоз, фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи пасандоз, ҳисоби тавозунӣ аз рӯи қарз ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи қарз нишон дода |

| | | |
|---|---|---|
| | | мешавад |
| 17 | Рақами суратҳисоби шахсии пасандоздор, корти пардохтӣ ва суратҳисоби қарзӣ | Рақами суратҳисоби шахсии пасандоздор ва фоизҳои ҳисобшудаи аз рӯи пасандоз, рақами суратҳисоби қарзии пасандоздор ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи қарзи пасандоздор нишон дода мешавад. |
| **Маблағи амонату пасандози гузошташуда ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи он** | | |
| 18 | Маблағи бақия аз рӯи амонату пасандоз бо асъори пасандоз | Маълумот оид ба бақияи маблағи амонату пасандоз бо асъори пасандоз нишон дода мешавад |
| 19 | Маблағи бақия аз рӯи амонату пасандоз мутаносибан бо сомонӣ | Маълумот оид ба бақияи маблағи амонату пасандоз мутаносибан бо сомони нишон дода мешавад. |
| 20 | Маблағи фоизҳои ҳисобшуда бо асъори пасандоз | Маблағи фоизҳои ҳисобшуда бо асъори пасандоз нишон дода мешавад |
| 21 | Маблағи фоизҳои ҳисобшуда мутаносибан бо сомонӣ | Маблағи фоизҳои ҳисобшуда мутаносибан бо сомонӣ нишон дода мешавад. |
| 22 | Ҷамъ бо сомонӣ | Ҷамъи маблағи бақияи амонату пасандозҳо ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи он бо сомонӣ нишон дода мешавад (сутунҳои 19 +21) |
| | *Эзоҳ: - барои ҳисоби асъори хориҷӣ мутаносиб ба сомонӣ, қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон истифода бурда мешавад.* | |
| **Маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор (бо аломати манфӣ (-) нишон дода мешавад)** | | |
| 23 | Бақияи маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор бо асъори талаб | Маълумот оид ба бақияи маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор бо асъори талаб нишон дода мешавад |
| 24 | Бақияи маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор мутаносибан бо сомонӣ | Маълумот оид ба бақияи маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор бо сомонӣ нишон дода мешавад. |
| 25 | Маблағи талаби фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи асъори талаб | Маблағи талаби фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи асъори талаб нишон дода мешавад |
| 26 | Маблағи фоизи ҳисобшуда мутаносибан бо сомонӣ | Маблағи талаби фоизҳои ҳисобшуда мутаносибан бо сомонӣ нишон дода мешавад |
| 27 | Ҷамъ бо сомонӣ | Ҷамъи маблағи талаб ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор бо сомонӣ нишон дода мешавад (сутунҳои 24+26). |
| | *Эзоҳ: - барои ҳисоби асъори хориҷӣ мутаносиб ба сомонӣ, қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон истифода бурда мешавад.* | |
| **Бақияи уҳдадорӣ/талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ** | | |
| 28 | Бақияи маблағ аз рӯи фоизҳои ҳисобшудаи амонату пасандоз аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ мутаносибан бо сомонӣ | Аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ бақияи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор аз рӯи фоизҳои ҳисобшудаи амонату пасандоз инъикос мегардад, ки дар ин ҳолат маблағи сутуни 28 ба ҷамъи маблағи сутуни 21 ва 27 баробар мешавад. |
| 29 | Бақияи маблағ аз рӯи қарзӣ асосӣ аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ мутаносибан бо сомонӣ | Сутунҳои 29 ва 30 аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунии талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор аз рӯи фоизҳои ҳисобшудаи пасандоз пур карда мешавад::<br>а) дар ҳолате, ки фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи амонату |

| | | |
|---|---|---|
| 30 | Ҷамъ аз рӯи бақияи уҳдадорӣ/талаби ташкилоти қарзӣ мутаносибан бо сомонӣ | пасандоз талаби ташкилоти қарзиро нисбати пасандоздор пурра пӯшонад, яъне маблағи сутуни 28 мусбӣ ё баробари сифр бошад, он гоҳ маблағи сутуни 29 баробари сутуни 19 ва маблағи сутуни 30 ба ҷамъи сутуни 28 ва 29 баробар аст;<br>б) дар ҳолате, ки маблағи фоизҳои ҳисобшуда талаби ташкилоти қарзиро нисбати пасандоздор напӯшонад, он гоҳ маблағи сутуни 28 манфӣ ба амал омада, маблағи сутуни 29 ба ҷамъи сутуни 19 ва 28 баробар шуда, маблағи сутуни 30 баробари маблағи сутуни 29 мешавад. |
| 31 | Бақияи уҳдадории ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздор аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ бо сомонӣ | Сутуни 31 сутуни транзитӣ буда ба таври зайл пур карда мешавад:<br>а) дар сурате, ки талаби пасандоздор нисбати ташкилоти қарзӣ аз уҳдадории ӯ дар назди ташкилоти қарзӣ зиёд бошад, онгоҳ маблағи сутуни 30 мусбӣ ба амал омада, маблағи сутуни 31 ба маблағи сутуни 30 баробар мешавад;<br>б) агар талаби пасандоздор нисбати ташкилоти қарзӣ аз уҳдадории ӯ дар назди ташкилоти қарзӣ камтар бошад, онгоҳ маблағи сутуни 30 манфӣ ба амал омада, сутуни 31 баробари сифр мешавад.<br>в) агар аз рӯи натиҷаи ҳисобаробаркунӣ талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор боқӣ монад (маблағи сутуни 30 манфӣ бошад), он гоҳ сутунҳои 32 ва 33 пур карда намешаванд. |
| | *Эзоҳ: 1) Маблаги уҳдадории пасандоздор дар назди ташкилоти қарзӣ аввал аз рӯи фоизҳои ҳисобшудаи пасандоз ва баъд аз бақияи маблаги пасандоз кам карда мешавад;*<br>*2) Маблаги умумии уҳдадорӣ/талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ инъикос мегардад;*<br>*3) Ҳисоббаробаркунии тарафайн бо сомонӣ анҷом дода мешавад.* | |
| **Пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздор** | | |
| 32 | Маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор бо сомонӣ | Маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор бо сомонӣ баъд аз ҳисобаробаркунии ҳамаи уҳдадорӣ/талаби мутақобилаи пасандоздор ва ташкилоти қарзӣ бо назардошти муқаррароти моддаи 24 Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” нишон дода мешавад. Маблағи умумии ҷубронпулӣ аз рӯи ҳамаи пасандозҳои суғурташудаи пасандоздор набояд аз маблағи умумии ҷубронпулии суғурта, ки Қонун муқаррар намудааст, зиёд бошад. |
| 33 | Бақияи пасандоз бо фоизҳои ҳисобшуда пас аз пардохти ҷубронпулӣ бо сомонӣ | Бақия аз рӯи пасандоз ва фоизҳои ҳисобшудаи пасандоздор инъикос карда мешавад, ҳамчун фарқият байни маблағи сутуни 30 ва 32 нишон дода мешавад. |
| 34 | Рамзи пасандозҳое, ки тибқи моддаи 24 Қонун ҷуброн карда намешаванд | Рамзи пасандозҳое, ки тибқи моддаи 24-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҷуброн карда намешаванд, тибқи Замимаи №2.4 Тартиби мазкур нишон дода мешавад. |
| 35 | Рамзи минтақа | Рамзи минтақаи ҷойгиршавии воҳиди сохтори ташкилоти қарзӣ (саридора, филиал), ки дар он ҷалби пасандоз шудааст, тибқи Замимаи №2.5 Тартиби мазкур нишон дода мешавад. |

*<u>Ҷадвали №1.2</u> "**Маълумот оид ба пасандозҳои суғурташудаи шахсони ҳуқуқӣ дар ташкилоти қарзӣ барои ҳисоби ҷубронпулии суғурта**» дар шакли электронии Excel таҳия мегардад ва ба тарзи зайл пур карда мешавад:*

| № | Нишондиҳандаҳо | Мазмуни нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|
| 1 | № р/т | Рақами тартибии пасандоздор |
| 2 | Рақами бонкии мизоҷ (ID-код) | Рақами бонкие, ки аз ҷониби низоми автоматикунонии бонкӣ ба мизоҷ дода шудааст |
| 3 | Рамзи мақоми пасандоздор (шахси ҳуқуқии ССХ, ТҒ) | Рамзи мақоми пасандоздор – шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд (ССХ) ва ташкилоти ғайритиҷоратӣ (ТҒ) тибқи Замимаи №2.1 Тартиби мазкур нишон дода мешавад. |
| **Маълумот оид ба мушаххасоти пасандоздори ташкилоти қарзӣ** | | |
| 4 | Номи пурраи пасандоздор-шахси ҳуқуқӣ | Номи пасандоздор - шахси ҳуқуқӣ тибқи ҳуҷҷати таъсисӣ |
| 6 | Рақами ҳуҷҷати тасдиққунанда(шаҳодатнома) | Рақами шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ |
| 5 | Санаи ва мақомоти бақайдгирии давлатӣ | Рӯз, моҳ ва соли бақайдгирии давлатӣ |
| 7 | Суроғаи ҳуқуқии пасандоздор | Маълумот оиди суроғаи ҳуқуқии пасандоздор |
| 8 | РМА | Рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) |
| 9 | РЯМ | Рақами ягонаи миллии пасандоздор |
| 10 | Рақами телефони мобилӣ | Рақами телефон (телефонҳо)-и мобилии амалкунандаи пасандоздор. Дар сурати мавҷуд будани якчанд рақами телефони мобилӣ, онҳо бо аломати вергул ҷудо карда мешаванд |
| 11 | Рақами шартномаи бонкӣ (амонат, пасандоз, корти пардохтӣ ва ғ.), шартномаи қарзӣ, санаи бастани шартнома | Рақами шартнома аз низоми иттилоотии бонкӣ нишон дода мешавад. Маълумот оиди ҳар як шартнома дар сатри алоҳида нишон дода мешавад |
| 12 | Рамзи асъори амонату пасандоз/қарз | Рамзи асъори дар шартнома зикргардида, тибқи замимаи №2.3 Тартиби мазкур нишон дода мешавад |
| 13 | Ҳисоби тавозунӣ | Рақами ҳисоби тавозунӣ аз рӯи амонат, пасандоз, фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи пасандоз, ҳисоби тавозунӣ аз рӯи қарз ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи қарз нишон дода мешавад |
| 14 | Рақами суратҳисоби шахсии пасандоздор, корти пардохтӣ ва суратҳисоби қарзӣ | Рақами суратҳисоби шахсии пасандоздор ва фоизҳои ҳисобшудаи аз рӯи пасандоз, рақами суратҳисоби қарзии пасандоздор ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи қарзи пасандоздор нишон дода мешавад. |
| **Маблағи амонату пасандози гузошташуда ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи он** | | |
| 15 | Маблағи бақия аз рӯи амонату пасандоз бо асъори пасандоз | Маълумот оид ба бақияи маблағи пасандоз бо асъори пасандоз нишон дода мешавад |
| 16 | Маблағи бақия аз рӯи амонату пасандоз мутаносибан бо сомонӣ | Маълумот оид ба бақияи маблағи пасандоз мутаносибан бо сомони нишон дода мешавад. |
| 17 | Маблағи фоизҳои ҳисобшуда бо асъори пасандоз | Маблағи фоизҳои ҳисобшуда бо асъори пасандоз нишон дода мешавад |

| | | |
|---|---|---|
| 18 | Маблағи фоизҳои ҳисобшуда мутаносибан бо сомонӣ | Маблағи фоизҳои ҳисобшуда мутаносибан бо сомонӣ нишон дода мешавад. |
| 19 | Ҷамъ бо сомонӣ | Ҷамъи маблағи бақияи пасандозҳо ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи пасандоз бо сомонӣ нишон дода мешавад (сутунҳои 16 +18) |
| | *Эзоҳ: - барои ҳисоби асъори хориҷӣ мутаносиб ба сомонӣ, қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон истифода бурда мешавад.* | |
| **Маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор (бо аломати манфӣ (-) нишон дода мешавад)** | | |
| 20 | Бақияи маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор бо асъори талаб | Маълумот оид ба бақияи маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор бо асъори талаб нишон дода мешавад |
| 21 | Бақияи маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор мутаносибан бо сомонӣ | Маълумот оид ба бақияи маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор бо сомонӣ нишон дода мешавад. |
| 22 | Маблағи фоизи ҳисобшуда аз рӯи асъори талаб | Маблағи талаби фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи асъори талаб нишон дода мешавад |
| 23 | Маблағи фоизи ҳисобшуда мутаносибан бо сомонӣ | Маблағи талаби фоизҳои ҳисобшуда мутаносибан бо сомонӣ нишон дода мешавад |
| 24 | Ҷамъ бо сомонӣ | Ҷамъи маблағи талаб ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор бо сомонӣ нишон дода мешавад (сутунҳои 21+23). |
| | *Эзоҳ: - барои ҳисоби асъори хориҷӣ мутаносиб ба сомонӣ, қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон истифода бурда мешавад.* | |
| **Бақияи уҳдадорӣ/талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ** | | |
| 25 | Бақияи маблағ аз рӯи фоизҳои ҳисобшудаи пасандоз аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ мутаносибан бо сомонӣ | Аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ бақияи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор аз рӯи фоизҳои ҳисобшудаи пасандоз инъикос мегардад, ки дар ин ҳолат маблағи сутуни 25 ба ҷамъи маблағи сутуни 18 ва 24 баробар мешавад. |
| 26 | Бақияи маблағ аз рӯи қарзӣ асоси аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ мутаносибан бо сомонӣ | Сутунҳои 26 ва 27 аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунии талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор аз рӯи фоизҳои ҳисобшудаи пасандоз пур карда мешавад:: а) дар ҳолате, ки фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи пасандоз талаби ташкилоти қарзиро нисбати пасандоздор пурра пӯшонад, яъне маблағи сутуни 25 мусбӣ ё баробари сифр бошад, онгоҳ маблағи сутуни 26 баробари сутуни 16 ва маблағи сутуни 28 ба ҷамъи сутуни 26 ва 27 баробар аст; б) дар ҳолате, ки маблағи фоизҳои ҳисобшуда, талаби ташкилоти қарзиро нисбати пасандоздор напӯшонад, онгоҳ маблағи сутуни 25 манфӣ ба амал омада, маблағи сутуни 27 ба ҷамъи сутуни 18 ва 27 баробар шуда, маблағи сутуни 29 баробари маблағи сутуни 28 мешавад. |
| 27 | Ҷамъ аз рӯи бақияи уҳдадорӣ/талаби ташкилоти қарзӣ мутаносибан бо сомонӣ | |
| 28 | Бақияи уҳдадории ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздор аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ бо сомонӣ | Сутуни 30 сутуни транзитӣ буда ба таври зайл пур карда мешавад: а) дар сурате, ки талаби пасандоздор нисбати ташкилоти қарзӣ аз уҳдадории ӯ дар назди ташкилоти қарзӣ зиёд бошад, онгоҳ маблағи сутуни 29 мусбӣ ба амал омада, маблағи сутуни 30 ба маблағи сутуни 29 |

| | | |
|---|---|---|
| | | баробар мешавад;<br>б) агар талаби пасандоздор нисбати ташкилоти қарзӣ аз уҳдадории ӯ дар назди ташкилоти қарзӣ камтар бошад, онгоҳ маблағи сутуни 29 манфӣ ба амал омада, сутуни 30 баробари сифр мешавад.<br>в) агар аз рӯи натиҷаи ҳисобаробаркунӣ талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор боқӣ монад (маблағи сутуни 29 манфӣ бошад), он гоҳ сутунҳои 31 ва 32 пур карда намешавад. |
| | *Эзоҳ:*<br>*1) Маблаги уҳдадории пасандоздор дар назди ташкилоти қарзӣ аввал аз рӯи фоизҳои ҳисобшудаи пасандоз ва баъд аз бақияи маблаги пасандоз кам карда мешавад;*<br>*2) Маблаги умумии уҳдадорӣ/талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ инъикос мегардад;*<br>*3) Ҳисоббаробаркунии тарафайн бо сомонӣ анҷом дода мешавад.* | |
| **Пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздор** | | |
| 29 | Маблағи ҷубронпулӣ ба пасандоздор бо сомонӣ | Маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор бо сомонӣ баъд аз ҳисобаробаркунии ҳамаи уҳдадорӣ/талаби мутақобилаи пасандоздор ва ташкилоти қарзӣ бо назардошти муқаррароти моддаи 24 Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” нишон дода мешавад. Маблағи умумии ҷубронпулӣ аз рӯи ҳамаи пасандозҳои суғурташудаи пасандоздор набояд аз маблағи умумии ҷубронпулии суғурта, ки Қонун муқаррар намудааст, зиёд бошад. |
| 30 | Бақияи пасандоз бо фоизҳои ҳисобшуда пас аз пардохти ҷубронпулӣ бо сомонӣ | Бақия аз рӯи пасандоз ва фоизҳои ҳисобшудаи пасандоздор инъикос карда мешавад, ҳамчун фарқият байни маблағи сутуни 29 ва 31 нишон дода мешавад. |
| 31 | Рамзи пасандозҳое, ки тибқи моддаи 24 Қонун ҷуброн карда намешаванд | Рамзи пасандозҳое, ки тибқи моддаи 24-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҷуброн карда намешаванд, тибқи Замимаи №2.4 Тартиби мазкур нишон дода мешавад. |
| 32 | Рамзи минтақа | Рамзи минтақаи ҷойгиршавии воҳиди сохтори ташкилоти қарзӣ (саридора, филиал), ки дар он ҷалби пасандоз шудааст, тибқи Замимаи №2.5 Тартиби мазкур нишон дода мешавад. |

Замимаи №2.1 ба
“Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои
суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ”

**Маълумотномаи «Рамзи мақоми пасандоздор»**

| Нишондиҳанда | Рамз |
|---|---|
| Шахси воқеӣ | 01 |
| Соҳибкори инфиродӣ | 02 |
| Шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд | 03 |
| Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ | 04 |
| Дигар шахсони ҳуқуқӣ | 05 |

Замимаи №2.2 ба
“Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои
суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ”

**Маълумотномаи «Рамзи шаҳрванд»**

Рамзҳо аз рӯи шаҳрвандии пасандоздори ташкилоти қарзӣ рамзгузорӣ карда мешаванд.

| Нишондиҳанда | Рамзи шаҳрванд |
|---|---|
| Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон | 06 |
| Шаҳрвандони давлатҳои дигар | 07 |
| Шахсони бешаҳрванд | 08 |

Замимаи №2.3 ба
“Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои
суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ”

**«Таснифгари асъор»**

Рамзҳои асъор дар асоси стандарти байналмилалии ISO 4217 “Рамзҳо барои пешниҳоди асъор ва фондҳо”, ки Ташкилоти байналмилалии стандартизатсия таҳия кардааст, пешниҳод шудаанд.

Объекти таснифи рамзҳо пулҳои миллӣ, воҳиди пулии кишварҳои ҷаҳон ва ҳудудҳо, кишварҳои мустақил ё дигар ҳудудҳои дорои махсусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофӣ ва таърихӣ мебошанд. Барои мисол:

| № | Рамзи асъор | Номгӯи асъор |
|---|---|---|
| 1 | TJS | Сомонӣ |
| 2 | USD | Доллари ИМА |
| 3 | EUR | Евро |
| 4 | RUB | Рубли русӣ |
| 5 | JPY | Иенаи Ҷопон |
| 6 | CNY | Юани Чин |
| 7 | KZT | Тенгеи Қазоқӣ |
| 8 | KRW | Вони Корея |
| 9 | TRY | Лираи туркӣ |
| 10 | UZS | Суми ӯзбекӣ |

Замимаи №2.4 ба
“Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои
суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ”

**Маълумотномаи «Рамзи пасандозҳое, ки ҷуброн карда намешаванд»**

Рамзҳои пасандозҳое, ки ҷуброн карда намешаванд тибқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” таҳия карда шудааст. Ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои зерини шахсони воқеӣ пардохт карда намешавад:

| № | Навъи амалиёт | Рамзи амалиёт |
|---|---|---|
| 1 | Амонату пасандозҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст омадаанд ё пасандозҳое, ки аз ҷониби суд ҳабс карда шудаанд | 09 |
| 2 | Амонату пасандозҳое, ки аз рӯи хулосаи Бонки миллии Тоҷикистон вазъи молиявии ташкилоти қарзиро бад кардаанд | 10 |
| 3 | Амонату пасандозҳои шахсони вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ, ки тибқи қонун муайян шудаанд, инчунин шахсоне, ки дар давоми соли охир то барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ чунин вобаста ҳисобида мешуданд | 11 |
| 4 | Амонату пасандозҳои шариконии ширкати аудиторӣ, ки ба сифати аудиторҳои ташкилоти қарзӣ дар соли тақвимӣ пештар аз таърихи фаро расидани ҳолати суғуртавӣ ҷалб шуда буданд | 12 |
| 5 | Амонату пасандозҳо, ки беш аз панҷ фоизи саҳмияҳои ташкилоти қарзиро бо гирифтани манфиат дар ихтиёр доранд | 13 |
| 6 | Амонату пасандозҳое, ки дар филиалҳои хориҷии ташкилоти қарзӣ ҷойгир карда шудаанд | 14 |
| 7 | Амонату пасандозҳои баробар ба ҳар гуна маблағи қарзи пардохтнашудаи пасандоздор дар назди ташкилоти қарзӣ | 15 |
| 8 | Амонату пасандозҳо ба маблағи камтар аз 10 сомонӣ | 16 |

Замимаи №2.5 ба
“Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои
суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ”

## Маълумотномаи «Рамзи минтақа»

Рамзҳои нуқтаҳои аҳолинишини Тоҷикистон мутобиқи тартиби қабулшудаи тақсимоти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудаанд.

Рамзҳо бо мақсади назорати риояшавии меъёрҳо истифода бурда мешаванд.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 100 | ш. Душанбе | 427 | н. Вахш |
| 205 | н. Файзобод | 428 | н. Восеъ |
| 206 | н. Варзоб | 429 | н. Ёвон |
| 207 | ш. Рогун | 430 | н. Қубодиён |
| 208 | н. Рӯдакӣ | 431 | н. Ҷ. Балхӣ |
| 209 | н. Ваҳдат | 432 | н. Кӯлоб |
| 210 | н. Ҳисор | 433 | н. Ҷайҳун |
| 211 | н. Шаҳринав | 434 | н. Ҷомӣ |
| 212 | ш. Турсунзода | 435 | н. Носири Хусрав |
| 313 | н. Лахш | 436 | н. Панҷ |
| 314 | н. Нуробод | 437 | н. Сарбанд |
| 315 | н. Рашт | 438 | н. Фархор |
| 316 | н. Сангвор | 439 | н. Ҳамадонӣ |
| 317 | н. Тоҷикобод | 440 | н. Хуросон |
| 418 | ш. Қурғонтеппа | 441 | н. Ҷиликул |
| 419 | н. Данғара | 442 | н. Шаҳритус |
| 420 | н. Муъминобод | 543 | ш. Хуҷанд |
| 421 | н. Ховалинг | 544 | н. Шаҳристон |
| 422 | н. Балҷувон | 545 | н. Айнӣ |
| 423 | н. Шамсиддин Шоҳин | 546 | ш. Табошар |
| 424 | н. Темурмалик | 547 | н. Кӯҳистони Мастчоҳ |
| 425 | н. Норак | 548 | н. Исфара |
| 426 | н. Бохтар | 549 | н. Истаравшан |
| 550 | н. Панҷакент | 560 | ш. Гулистон |
| 551 | н. Ашт | 661 | ш. Хоруғ |
| 552 | н. Бобоҷон Гафуров | 662 | н. Ванҷ |
| 553 | н. Деваштич | 663 | н. Дарвоз |
| 554 | н. Зафаробод | 664 | н. Ишкошим |
| 555 | ш. Бустон | 665 | н. Мурғоб |
| 556 | н. Конибодом | 666 | н. Рошқалъа |
| 557 | н. Мастчоҳ | 667 | н. Рушон |
| 558 | н. Спитамен | 668 | н. Шуғнон |
| 559 | н. Ҷаббор Расулов | | |

Замимаи №3 ба“Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ”

Номгӯи ташкилоти қарзии барҳамдодашуда ______________________________________

**Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта**
**ба санаи "___" _________________ 20___ с.**

| № р/т | Ному насаби пурраи пасандоздор (номи шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқӣ) | Ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият | | РМА | РЯМ | Рақами телефони мобилӣ | Маблағи ҷубронпулии суғурта бо сомонӣ | Рамзи минтақа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Рақами ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият (шиноснома/шаҳодатнома) | Сана ва мақомоти ҳуҷҷатро дода | | | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 1 | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | |
| | **Ҳамагӣ** | | | | | | | |

Мудири махсус ____________________ Иҷрокунанда: __________________

Сармуҳосиб ______________________ тел: ___________________

ҶМ